# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00. – Забоншиносӣ (10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ )**

Мусаллам аст, ки гӯйишҳои тоҷикӣ ҳамчун ганҷинаи таърихӣ дар худ унсурҳои зиёди луғавии мавзеъҳои гуногуни тоҷикнишинро фаро гирифта, мураттибони фарҳангномаҳо дар таҳияи ин ё он фарҳанг ин унсурҳои луғавиро ба сифати мавод ва аснод мавриди корбурд қарор додаанд, ки ин амал анқариб дар ҳамаи фарҳангҳои пешини мо ба назар мерасад. Фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот» дар байни ин луғатҳо бартарии беш дошта, дар худ унсурҳои луғавии басо зиёди гӯйишҳои ҷанубиву шимолии забони тоҷикиро фаро гирифтааст, ки дар ин поя таҳияи диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» айни муддаост, зеро бевосита ба таҳқиқи ҳамин мавзуъ бахшида шудааст.

Бояд гуфт, ки ба сифати мавзуи таҳқиқ қарор гирифтани баррасии муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик пажуҳиши нав буда, дар он таҳқиқи пурра ва комили маводи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии яке аз фарҳангҳои ҷомеъ ва ҳифозати онҳо дар гӯйишҳои шимолӣ ва ҷанубии забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифта, барои баррасии масоили муҳимми омӯзиши маводи шевагии фарҳанги номбурда, баррасӣ ва таҳқиқи илмии маводи гӯйиши мовароуннаҳрӣ, маҳфузии онҳо дар шеваҳои шимолӣ ва ҷанубии забони тоҷикӣ мусоидат мекунад. Мавзуи таҳқиқ бо барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои филологӣ робитаи зич дошта, ба мавзуи соҳавӣ мутобиқат менамояд.

Мақсади таҳқиқ муайян намудани дараҷаи ҳифозати унсурҳои луғавии мовароуннаҳрӣ дар гӯйишҳои шимолӣ ва ҷанубии забони тоҷикӣ ва ба таври муқоиса баррасии онҳо аз нигоҳи забоншиносӣ дониста мешавад. Барои амалӣ кардани ин мақсади таҳқиқ унвонҷӯ инъикос карда нашудани робитаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот»-ро бо лаҳҷаҳои имрӯзаи ҷанубиву шимолии тоҷикӣ

муайянкунандаи максаду вазифаҳои рисолаи мазкур қарор дода, пойдормонии калимаву таркиб ва ибораҳои муқаррариву рехтаи «Ғиёс-ул-луғот»-ро дар лаҳҷаҳои муосири номбурдаи тоҷикӣ баррасӣ кардааст ва усулҳои маҳфузмонии онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст.

Ба сифати объекти таҳқиқ, тавре ки аз мутолиаи диссертатсия маълум гардид, маводи фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ дониста шуда, бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ муқоиса карда шудаанд ва ба ин восита дараҷаи умумияту фарқи лексикаи луғатномаи мазкур бо гуфтори минтақаҳои ҷанубу шимоли Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Навгонии таҳқиқ дар он аст, ки дар диссертатсия бори нахуст дар асоси маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои қарни XIX робитаи унсурҳои луғавии он бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шуда, ба андешаи равшанӣ андохтан ба нуктаҳои муҳимми истифодаи вожаҳои алоҳида ва мансубияти забонии онҳо далелҳои забонҳои дигари эронӣ ва ғайриэронӣ истифода гардида, роҳҳои мухталифи ба таҳаввулот дучор гардидани унсурҳои куҳан дар лаҳҷаҳои фавқуззикри ҳозираи тоҷикӣ нишон ва мақому мавқеи ҳодисаҳои савтӣ дар таҳаввулоти онҳо ошкор карда шудааст ва бартарияти боқимонии унсурҳои луғавии эрониасл нисбат ба иқтибосӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои пажуҳиши мазкурро метавон дар оянда ҳангоми таълифи осори таҳқиқӣ доир ба лаҳҷашиносии таърихӣ, таърихи забонҳои эронӣ, эҷоди фарҳангномаҳои этимологӣ истифода бурд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маводи рисоларо метавон ҳангоми таълими курсҳои «Таърихи забонҳои тоҷикиву форсӣ», «Лаҳҷашиносии таърихӣ», курсу семинарҳои махсус мавриди истифода қарор дод. Инчунин натиҷаҳои умдаи рисола метавонад ба аспирантон дар таълифи рисолаҳои илмӣ кумак расонанд. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ мувофиқат мекунад.

Муҳтавои асосии диссертатсия ва масъалаҳои меҳварии таҳқиқ дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (солҳои 2012-2022-юм),

конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар робита ба таҳқиқ унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса ва феҳрасти адабиёт таркиб ёфтааст, ки дар маҷмуъ 161 саҳифаи чопи компютериро ташкил менамояд.

Дар муқаддима зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзуъ асоснок ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин методҳои таҳқиқ тавсиф шуда, навоварӣ ва арзиши назариву амалии он, инчунин нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ» ном дошта, фарогири се фаслу ду зерфасл аст ва дар онҳо масоили зайл: Ромпурӣ ва мансубияти маҳаллии вожаҳо (фасли аввал), мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар фарҳанг (фасли дувум), шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар фарҳанг (фасли сеюм), инчунин истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ ба сифати унсури эзоҳёбанда, корбурди онҳо аз тарафи муаллифи фарҳанг, шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар зерфаслҳои ин боб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки бо унвони «Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» ёд мешавад, пойдормонии унсурҳои луғавии бостонии ба ҳамон шакли дар “Ғиёс-ул-луғот” истифодашуда ва боқимонияшон ба гунаи таҳаввулёфта ё бо дигаргунии маъно мавриди таҳлил қарор мегирад. Аз таҳлили ин дастаи унсурҳои луғавӣ бармеояд, ки чунин таҳаввулот дар кулли воҳидҳои луғавӣ ба дараҷаи ягона сурат нагирифта, ба дигаргунии шаклӣ дучоргардии онҳо дар қиёс бо таҳаввулоти маъноӣ бештар ба вуқуъ омадааст. Ин боб фарогири се фасл буда, фасли якум – «Муқоисаи вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»- ба масъалаи корбурди унсурҳои луғавии нодире дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ бахшида шудааст, ки онҳоро аз таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пайдо намудан душвор аст ва қисме аз ин гуна калимаҳо умри зиёда аз ҳазорсола дошта, дар тули чунин даврони дуру дароз қариб бе тағйири шаклу маъно то рӯзгори мо омада расидаанд.

Дар фасли дуюм, ки «Муқоисаи маъноҳои қадими вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» унвон дорад, доираи маъноии унсурҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот» мавҷуда бо ҳамин гуна вожаҳои дар лаҳҷаҳои муосири номбурдаи тоҷикӣ пойдормонда қиёс гардидааст. Аз таҳлил хулоса шудааст, ки маҳфузмонии маъноҳои калимаҳои алоҳида дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ ягона набуда, дар яке бештар, дар дигаре камтар сурат гирифтааст.

Дар фасли сеюм таҳти унвони «Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли тағйири шакл кардаи «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» масъалаи таҳаввулоти шаклии вожаву ибораҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» мустаъмал дар тули мавҷудияташон аз назари таҳлил гузаронида шуда, онҳо бо маводи лаҳҷаҳои зикргардида қиёс гардидааст ва дигаршавии шаклии калимаву ибораҳо дар тули мавҷудияташон дар пояи табдил, афзоиш, коҳиш, ҷойивазкунӣ нишон дода шудааст.

Боби сеюми рисола «Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» унвон дошта, фарогири чаҳор фаслу ду зерфасл аст. Дар ин боб муқоисаи вожаҳои иқтибосии забонҳои дигари эронии дар фарҳанги номбурда дарҷёфта бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ (фасли якум), боқимонии вожаҳои иқтибосии ҳиндии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ (фасли дувум), муқоисаи вожаҳои иқтибосии арабии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ (фасли савум) ва муқоисаи вожаҳои туркии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ (фасли чорум) сурат гирифта, дар ин фаслҳо унвонҷӯ андешаҳои худро бо далелҳои эътимодбахш тақвият мебахшад.

Дар хулоса натиҷаи таҳлилу таҳқиқ дар 32 банд аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 147 номгӯйи мерасад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ҳангоми мутолиа чанд вижагии муҳимми рисолаи илмӣ ба назар мерасад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия ба мазмуну муҳтаво, мақсаду вазифа ва ҳадафҳои унвонҷӯ пурра мувофиқат мекунанд.

2. Дар фаслҳо ва зерфаслҳои рисола масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки аҳамияти баланди илмӣ доранд ва рисоланавис тавонистааст, ки

онҳоро дар пояи маводи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» ва муқоисаи онҳо бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашад.

3.Зимни баррасӣ ба осори таҳқиқотии устодони варзидаи илми ватанию хориҷӣ такя карда, аз онҳо дар мавриди зарурат иқтибосҳо оварда, фикру ақидаҳои худро такмилу тақвият додааст. Дар муқаддимаи кор зимни овардани асосҳои назариявии диссертатсия ба осори донишмандоне ишора мешавад, ки саҳми онҳо дар таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавӣ бо лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хеле назаррас аст.

4. Маводе, ки аз фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот» баррасӣ мешавад, аҳамияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, дар бобҳои муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ, муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли фарҳанг бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ таҳлилшуда ва амсоли инҳо фаровон буда, вобаста ба фаслҳо ва зерфаслҳо матраҳ мешаванд. Баъд ё пеш аз баррасӣ мисолҳои аз фарҳанг зикршуда ва гӯйишҳои мавриди таҳқиқ, калимаҳои таҳлилшуда бо ранги курсив ишора мешаванд.

5.Ҳангоми шарҳу тавзеҳи таърихи баромади калимаҳо ба осори илмии муътамад, махсусан ба луғатҳои тафсирӣ, этимологӣ такя карда мешавад ва таҳлилу баррасиҳо бештар вижагиҳои илмӣ дошта, хулосаҳои унвонҷӯ мантиқӣ мебошанд.

6. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки баррасии муқоисаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба таври бояду шояд тарроҳӣ гардида, фарогири маводи фаровон аст, ки он маводро метавон дар фарҳангҳои тафсирӣ ва шевагӣ чун намуна истифода кард.

7.Барои нишон додани ҷиҳатҳои луғавӣ ва маъноии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» ва муқоисаи онҳо бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ муҳаққиқ аз усулҳои санҷидашудаи синхронию диахронӣ истифода намуда, бо ин роҳ таҳаввулу тағйироти вижагиҳои луғавии маводи мазкурро муайян мекунад.

8. Маводи истифодашудаи илмӣ-назариявӣ ва маводи гирдовардаю баррасишуда аз фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот» гувоҳи он аст, ки муҳаққиқ Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович техника ва роҳу равиши коркарди

илмии маводи забониро хуб аз худ кардааст ва умед аст, ки дар оянда корҳои аз ин ҳам ҷиддитарро роҳандозӣ менамояд.

9.Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик мавриди пажуҳиш қарор додани маводи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» ва қиёси онҳо бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ чизи тоза маҳсуб меёбад ва диссертатсияи мавриди тақризро аз шумули ҳамин корҳои илмӣ донистан мумкин аст.

10.Тавре ки гуфтем, дар диссертатсия пайдарҳамии фикр ва мураттабии масъалагузорӣ хеле назаррас буда, дар он ҷанбаи илмӣ ва сайри таърихии муносибати диахронӣ доир ба ҳар як унсури луғавии лаҳҷавӣ хеле муфассал баён гардида, ҷанбаи таърихиятро пос доштани гӯйишҳои тоҷикӣ собит мегардад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ»-ро дар ҳамин шакл бaанҷомрасида донистан мумкин аст ва муҳаққиқ масъалаҳои дар пеш гузоштаи худро хеле хуб ба сомон расонидааст. Забони диссертатсия фаҳмо ва равону барои ифодаи мафҳумҳои забоншиносӣ, хосатан бахшҳои таърихи забон, вожашиносии таърихӣ, шевашиносии таърихӣ, забоншиносии қиёсии он созгор аст.

Ногуфта намонад, ки диссертатсияи номбурда баробари дорои комёбиву муваффақиятҳо будан инчунин аз камбудиҳо низ орӣ нест, ки чанде аз онҳоро барои беҳтар гардидани муҳтавои диссертатсия дар оянда пешниҳод мекунем:

1.Гуфтан ҷоиз аст, ки бинобар сабаби интихоби мавзуъ фарҳанги «Ғиёс-ул-луғот» муқаррар гардидааст, ба назари мо, дар ҳар бобу фасл ва зерфаслҳо овардани унвони фарҳанги мазкур зарурат надошт. Хуб мешуд, барои гурез аз такрор вожаҳои фарҳанг, луғат қайд мегардид. Чунин тарзи зикри матлаб ба фоидаи кор хоҳад буд.

2.Дар диссертатсия маводи шевагӣ бидуни овонигории байнал-милалӣ оварда шудааст. Хуб мешуд, ки ҳангоми овардани мисолҳои таҳлилшуда дар паҳлуяш (дар қавсайн) овонигории лотинии онҳо оварда мешуд, дар он сурат шаҳомати таҳқиқ боз ҳам меафзуд. Зеро дар шевашиносӣ овардани маводи шевагӣ дар овонигории лотинӣ ҳатмист.

3. Дар бахши хулоса натиҷаҳои бадастомадаро муҳаққиқ дар 32 банд овардааст, ки хеле аз нигоҳи миқдор зиёд буда, баъзеи онҳоро муттаҳид карда, теъдоди бандҳоро ихтисор намудан мумкин аст.

4.Ҳангоми овардани иқтибосот аз фарҳангномаҳою осори илмии донишмандон, аксаран, суханони онҳо дар нохунак гирифта намешавад, ки ин боиси махлут шудани сухани муаллиф ва иқтибосот мегардад [саҳ. 21, 24, 78, 98 ва ғ.].

5. Дар овардани номгӯйи адабиёт дар феҳрасти адабиёт низ яксонӣ дида намешавад ва дар таҳияи он ба ғалатҳои техникӣ, имлоӣ роҳ дода шуда, зикри нодурусти он ва адабиёти ба мавзуъ рабтнадошта оварда шудаанд. Хуб мешуд, ки номгӯйи адабиёти соҳавӣ бештар ин ҷо оварда мешуд. Инчунин номгӯйи на ҳама адабиёти дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ овардаву мавриди баррасӣ қароргирифта дар феҳрасти адабиёт оварда шудааст.

6.Дар таҳияи рисолаи илмии мавриди тақриз як даста ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд [саҳ. 27, 28, 29, 78, 84, 89 ва ғ.]. Аз ҷумла дар мундариҷаи диссертатсия меъёр риоя нагардидааст

Бояд гуфт, ки камбудию норасоиҳои номбаршуда моҳият ва қимати илмии кори диссертатсионии муҳаққиқ Раҳимов Абдулқосим Ибрагимовичро дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» халалдор намесозад ва зуд ислоҳшаванда мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи тақризшаванда, ки ба баррасии ҳифозати унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ ва қиёси онҳо бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ бахшида шудааст, дар забоншиносӣ, хосатан дар бахши шевашиносии таърихӣ ва забоншиносии қиёсӣ дар қатори корҳои нахустин доир ба омӯхтани маҳфузмонии унсурҳои луғавӣ дар фарҳангҳо ва қиёси онҳо бо маводи лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубии забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад ва он аҳамияти махсуси илмию назариявиро молик аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақриз-шавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашркардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мена- моянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» ба талаботи

бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ,**
**профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,**
**Хиёбони Рӯдакӣ 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**homidov65@mail.ru (+992) 907798265**

**Имзои профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ, доктори илмҳои филологӣ Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Э. Тавқиев**

24 01 **соли 2023**